ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи «Масъалаҳои ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино», ки барои дарёфти дараҷаи илмии Доктори Ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст.

Дар муқаддимаи автореферат нишон дода шудааст, ки рисола аз мундариҷа, муқаддима, панҷ боб, ки 12 фаслро дарбар мегиранд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Қисмати тоҷикии рисола аз 65 ва қисмати русии он аз 76 саҳифа иборат мебошад. Автореферат инъикоскунандаи диссертатсия мебошад, бинобар ин мо дар баробари автореферат ақидаҳои худ дар мавриди худи диссертатсияро низ иброз медорем.

Дар шароите, ки рақобати байни фарҳангҳо бо таъсири идеологҳои ҳукмрони замон шадид гардидааст ва ҳамчунин даъвоҳои беасос ва асоси сиёсидошта барои азхудкунии мероси фарҳангии мо тоҷикон аз ҷониби дигар миллатҳо авҷ гирифтааст, шинохт ва муаррифии намояндагони барҷастаи илм ва фалсафаи миллӣ як амали саривақтӣ ва зарурӣ мебошад. Мубрамияти масъалаи мазкур боз дар он аст, ки масъалаи асосии фалсафаи Ибни Сино, яъне ҳастӣ нахустин маротиба асоси як таҳқиқотро ташкил медиҳад. Аз шарҳҳое, ки муаллиф дар муқаддима овардааст, маълум мегардад, ки ҳамаи файласуфони ҷаҳонӣ кӯшиш кардаанд ба саволи ҳастӣ ҷавоб диҳанд, аз ҷумла Ибни Сино низ ба тариқи огоҳона ва ё ноогоҳона маҳз масъалаи ҳастиро дар бунёди фалсафаи худ қарор додааст, ки дар ҳақиқат ҳам ҷои шигифтӣ мебошад.

Ошноӣ бо адабиёти илмие, ки дар Эрон ва Аврупо нашр гардидаанд, ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки ба он ҷанбаҳои нисбатан норавшане, ки дар синошиносии замони шуравӣ вуҷуд доштанд, равшанӣ андозад. Истифода аз дастовардҳои илмии олмониҳо, англисҳо, фаронсавиҳо ва ғайра воқеан ҳам эътиборнокии натиҷаҳои диссертатсияро боло бурдааст. Пеш аз ҳама, шарҳи муфассали Шаҳовудинов Н.С. дар мавриди маънии

метафизика, мавзуи асосии он, фоидаи он барои файласуфони имрӯза ва онҳое, ки ба фалсафа таваҷҷуҳ доранд, муфид ва саривақтӣ мебошад. Аз ин баҳс маълум мегардад, ки мавзуи асосии он ин "ҳастии мутлақ" ва ё "ҳастии ҷудо аз модда" мебошад. Ин ифода шояд барои фалсафаи мо, ки бештар дорои хусусияти моддигароёна дошт, тоза бошад. Ин ифода дар навбати худ ба ҳастии зеҳнӣ ва ё огоҳии инсон алоқамандӣ пайдо менамояд, ки шояд яке аз нуктаҳои муҳимтарини фалсафаи Ибни Сино бошад.

Масъалагузориҳо, таҳлилҳо ва тафсиру муқоисаҳои зиёде, ки дар тамоми рисола ба назар мерасад, нишон медиҳанд, ки муаллиф бо садоқат ва матонати том ба кори илмии худ машғул гардидааст ва тавонистааст, ки як қатор навгониҳои худро, ки дорои аҳаммият ҳастанд, муаррифӣ намояд.

Яке аз нуктаҳои ҷолиб, ки муаллиф якчанд маротиба аз он ном бурдааст, ин масъалаи фарқияти фаҳмиши категорияҳо дар фалсафаи Арасту ва Ибни Сино мебошад. Арасту ҳастиро ба даҳ категория тақсим менамояд, аммо ин даҳ категория дар фалсафаи Сино на категорияҳои ҳастӣ, балки моҳиятӣ ҳастанд. Дар муқоиса бо нестӣ Сино имкони фаровон будани навъҳои ҳастиро инкор мекунад, ки далели ҷолиб аст.

Дар ҳамин муносибат муаллифи диссертатсия фарқияти ҳастӣ аз моҳиятро шарҳ медиҳад, ки донистани он ҳамчун заминаи асосӣ барои фаҳмиши фалсафаи Ибни Сино хидмат мекунад. Агар фарқияти ҳастӣ аз моҳият маълум набошад, шинохти компонентҳои асосии метафизикаи Ибни Сино, бахусус имкон-ул-вуҷуд ва воҷиб-ул-вуҷуд номумкин мебошад. Бидуни дарназардошти ҳастӣ ва моҳият метафизикаи файласуфи зикргардида ба худ хусусияти статикӣ касб менамояд, ки ҳадафи ниҳоии файласуфро кашф кардан номумкин мегардад.

Аз шарҳҳои муаллифи диссертатсия фаҳмидан мумкин аст, ки танҳо дар аввал ва анҷоми метафизика масъалаҳои илоҳӣ ва хусусияти руҳонидошта ба назар мерасанд. Масалан, дар оғоз Сино мегӯяд, ки ҳадафи метафизика ин саодати инҷаҳонӣ ва онҷаҳонии нафси инсон мебошад. Ҳамин тавр танҳо дар

қисмати охири китоби машҳури худ бо номи “Шифо” Ибни Сино бори дигар ба масъалаҳои мазҳабӣ ва илоҳӣ бармегардад. Дар тамоми қисматҳои дигар бошад, танҳо бо шеваи илмӣ фалсафаронӣ ва такя ба афкори илмӣ кардан ба назар мерасад. Андешаронихои Сино равиши таълими математикиро ба хотир меоварад, ки ниҳоят равшан ва дақиқ мебошад.

Чунин навгониҳоро мо дар ҳар як аз масъалагузориҳо мушоҳида менамоем, ки хонандаи диссертатсия ба хубӣ ба чунин натиҷа мерасад. Нуктаҳои ба муҳокима пешниҳодшаванда низ ниҳоят возеҳ, дорои пайдарпайии мантиқӣ ва муназзамият мебошанд, ки тавонистаанд ҳамаи масъалаҳои асосии диссертатсияро дар худ инъикос намоянд.

Доираи омӯзиши масъала ба муаллифи диссертатсия як диди нав додааст, ки онро мо дар ҳамаи бахшҳои диссертатсия мушоҳида менамоем. Аҳаммияти илмии рисола пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки он дар асоси баназаргирии адабиёти ҷаҳонӣ омода гардидааст ва барои муҳаққиқони ватанӣ як чизи тоза ва камсобиқа мебошад. Бевосита тарзи бархурди Ибни Сино ва шеваи таҳлили ӯ ниҳоят илмӣ ва обективӣ буда, дорои арзиши баланди методологӣ мебошад. Масъалаҳо баъзан беш аз ҳадди интизор тулонӣ шарҳу тафсир ёфтаанд, аммо новобаста аз ин возеҳият ва равшании масъала дар ҳама ҷо ба назар мерасад.

Осори Ибни Сино барои баланд бардоштани худшиносии миллӣ низ метавонад кумак намояд. Чунин таҳлилҳо ба мо имкон медиҳанд, ки ба ҷои даъвоҳои сарсарӣ, сатҳӣ ва гузаро ба ҳарфои фалсафаи ӯ роҳ пайдо намуда, моҳияти таълимоти ӯро барои худ ошкор созем.

Дар баробари ҷанбаҳои хуб ва боаҳаммият, диссертатсия албатта аз камбудиҳо холӣ нестанд. Аз ҷумла:

- Баъзан калимаҳо такрор омадаанд;
- Дар варианти русии автореферат баъзан ба ҷои истилоҳҳо калимаҳои оддӣ истифода гардидаанд;

- Баъзе ҷумлаҳо ниҳоят дурудароз омадаанд, ҳоло он ки онҳоро муаллиф метавонист бо ду, ё се ҷумла ифода намояд.

Новобаста аз чунин хатогиҳои ҷузъӣ диссертатсия дорои аҳаммияти калони илмӣ ва фалсафӣ дошта, арзандаи ҳимоя ҳамчун рисолаи докторӣ мебошад. Он аз ҷиҳати сохтор ва устухонбандӣ ба ҳамаи талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

Тақризиҳанда: д.и.ф., профессор Усмонзода Х.У.

Суроға: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ
кӯчаи Шоҳтемур, бинои 27.
Тел.: (+992) _934531008_____
E-mail: _____khidiev@mail.ru_____

Имзои Усмонзода Х.У.-ро тасдиқ мекунам.
сардори шуъбаи кадрҳо Шарофзода С.

Суроғаи муассиса:
индекс, город Душанбе ,район И. Сомонӣ,
кӯчаи _____, _____,
Тел.: (+992-37) _____
E-mail: _____
11 11 соли 2026.